Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак)

## ТАҚРИЗИ

**авторе ерати диссертатсияи Негматов Баҳодур Сафарович дар мавзуи «Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

Аз ҷониби муаллиф Негматов Б.С. дар ҳақиқат мавзуи муҳим ва рузмараи ҳуқуқи мурофиаи ҷинояти интихоб гардидааст. Автореферат дар шакли матн ба мо пешниҳод гардид. Дар назари аввал ба мушоҳида мерасад, ки мавзуи интихобшуда маҳдуд метобад, аммо баъди мутолиаи ҳамаҷонибаи мавзуи мазкур гуфтан мумкин, ки пардидаи таҳқиқшаванда гуногунҷабҳа ва бениҳоят масъалаҳои зиёди мурофиавиро дар худ иникос менамудааст.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат матраҳгардида гуфтан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи услуби таҳқиқоти илмӣ таҳия шуда, ҳамаи талаботҳои муайяншударо дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода намудааст. Ҳамзамон, аз мазмуни автореферат бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, пешниҳодҳои илмаи асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ манзур намудааст, ки аз манфиат орӣ нестанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки замина барои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ мебошанд.

Дар шароити муосир самтҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро дигаргуниҳои назаррас фаро гирифтааст. Ин дигаргуниҳо дар ҳаёти ҳуқуқии кишвар, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ низ ба

мушоҳида мерасанд. Бо қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор падидаҳои нави мурофиавӣ рӯи кор омаданд, ки ба шароити тағйирёбандаи вазъи кунунӣ мувофиқ мебошанд. Падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар мурофаи ҷиноятӣ солиёни дароз кишваҳои Аврупо ва ШМА – ро фаро гирифта, имрӯзҳо дар давлатҳои пасошуравӣ низ равнақ ёфта истодааст.

Чумҳурии Тоҷикистон бо мақсади наздик ва мувофиқ гардонидани қонунгузории миллӣ бо санадҳои ҳуқуқи байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ падидаи тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судиро муқаррар намудааст, ки яке аз падидаҳои мубрам эътироф гардида, мувофиқи он парвандаи ҷиноятӣ дар муҳлати оқилона ва дар шакли содда ҳаллу фасл мегардад.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқот муаллиф 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адади он дар маҷалаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Аз феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ бармеоянд, ки муаллиф қариб тамоми паҳлуҳои мавзуи мазкурро таҳқиқ намудааст, ки натиҷаҳои он метавонад барои илмӣ ҳуқуқшиносии ватанӣ хизмати арзишманде дошта бошад.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия Негматов Б.С. мушоҳида мегардад, ки таҳқиқоти илмӣ дар заминаи сарчашмаҳои боэътимодӣ миллӣ ва хориҷӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва таҷрибаи судӣ омода гардидааст. Дар натиҷа роҳҳои ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта ва такмили қонунгузории соҳавӣ пешбини гардидааст. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро, ки нахустин пажуҳиши илмӣ бо забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад, мусбӣ арзёби намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар автореферати диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, «имконнопазирии шикоят аз болои ҳукми судӣ аз рӯи асосҳои дар сархати 1 ва 2 моддаи 272 КМҶ ҶТ муқарраршударо аз ҷониби

судшавандае, ки парвандааш бо тартиби соддакардашуда баррасӣ гардидааст, ҳамчун маҳдудкунии ҳуқуқи судшававандa ба шикоят эътироф намекунад» (саҳ. 22 автореферат). Ба фикри мо дар инҷо воқеан маҳдуд гардидани ҳуқуқи судшаванда ба шикоят ҷой дорад. Доир ба ин масъала мехостем диссертант зимни ҳимояи рисолаи илмӣ ақидаи худро пурратар асоснок намояд.

Эроди болозикр ҷузъи буда, мазмуну моҳиятияти диссертатсияро коста намегардонад.

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи номзадии Негматов Баҳодур Сафарович мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, масъалаҳои гузошташуда асоснок матраҳ гардида, сазовори баҳои мусбат мебошад, ки ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Негматов Баҳодур сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
Декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Д.С.

Имзои Қодирзода Д.С.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомидов Ш.
06.12.2023

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. E-mail: info@apa.tj; Тел: (+992 37) 224-17-86